БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## Шарҳи моҳонаи таваррум • Майи 2017

**Дар моҳи майи соли 2017 сатҳи таварруми моҳона нисбат ба моҳҳои қаблӣ раванди поёнравиро нишон дода, 0,7%-ро ташкил дод. Таварруми солона бошад, дар моҳи май то 8,7% афзоиш ёфта, дар муқоиса ба моҳи қаблӣ 0,6 банди фоизӣ зиёд мебошад.**

Тибқи таҳлилҳо омилҳои асосии ба ин раванд таъсиррасон ва аз доираи дурнамои муқарраршуда (7%) баромадани сатҳи таваррум, пеш аз ҳама кам гардидани таклифоти баъзе аз маҳсулоти асосии хӯроквории дар шароити муътадил будани талабот ба онҳо ба ҳисоб рафт. Инчунин, таъсири омилҳои монетарӣ ва қурбӣ дар натиҷаи тағйиротҳо дар бозори асъори хориҷӣ ва сармоякунонии бонкҳои муаммодор низ то андозае ба сатҳи таварруми ҳосилшуда мусоидаткунанда буд.

**Бояд қайд намуд, дар давоми моҳҳои охир тамоюли тағйирёбии якбораи сатҳи таварруми солона аз ҳисоби омилҳои зикргардида бештар бо равандҳои кӯтоҳмуддат ва гузаранда арзёбӣ мегардад.** Таҳлилҳо ва дурнамои тасҳеҳшуда нишон медиҳанд, ки вобаста ба ин дурнамои сатҳи таваррум дар давраи кӯтоҳмуддат, яъне то охири соли ҷорӣ нисбатан афзуда, дар давраи миёнамуҳлат ба сатҳи барои иқтисодиёт муътадили худ бармегардад.

Аз ин лиҳоз, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади дар давраи миёнамуҳлат дар доираи ҳадаф нигоҳ доштани сатҳи таваррум сиёсати қатъии монетариро идома хоҳад дод.

**Таварруми аслӣ*, дар моҳи май раванди пастравии муътадил дошта, бо арзёбии солона ба 1,4% баробар шуд (0,1% м/м)**[1]. Ба ин раванд бо назардошти таъсири "эфекти базавӣ" нисбатан муътадил будани сатҳи нархҳои маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ (либос ва пойафзол, масолеҳи таъмир ва сохтмон), маҳсулоти тайёри хурокворӣ ва хизматрасониҳои дар таварруми аслӣ ба ҳисоб гирифташаванда (аз ҷумла хизматрасониҳои маишӣ) бештар саҳмгузорӣ намуданд. Бо вуҷуди ин, дар сохтори таварруми аслӣ аз маҳсулоти ғайрихӯрока то андозае болоравии нархҳои маводи шустушӯӣ (2,6% с/с)[2] ва доруворӣ (4,4% с/с) аз ҳисоби таъсири тағйирёбиҳои қурбӣ дида шуд.

**Дар пуёи тағйирёбии ғайриаслии таваррум (гурӯҳи нархҳои истеъмолие, ки дар ҳисоби таварруми аслӣ истисно мегарданд) мушоҳида кардан мумкин аст, ки нархи маҳсулоти хоми хӯрокворӣ бо вуҷуди нисбатан паст шудани тамоюли афзоиш, таъсири назаррасро ба сатҳи таваррум дорад.** Дар сохтори таварруми ғайриаслӣ нархҳои маҳсулоти хӯрокворӣ, асосан аз ҳисоби болоравии нархи гӯшти гов (5,5% м/м ё 12,6% с/с), орди навъи 1-ум (2,4% м/м ё 1,3% с/с), шакар (0,8% м/м ё 7,3% с/с), картошка (10,7% м/м ё 2,4 маротиб с/с) ва сабзӣ (28,9% м/м ё 88,0% с/с) ба амал омад. Дар баробари ин нархҳои пиёз (-20,1% м/м ё 88,6% с/с),

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор)




**Тағйирёбии нархҳои истеъмолӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор)




**Таварруми аслӣ ва ғайриаслӣ, бо %, солона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



карам (-1,7% м/м ё 44,7% с/с), шир (-2,9% м/м ё 0,1% с/с), ва тухм (-2,0% м/м ё 7,4% с/с) дар моҳи май раванди коҳишёбӣ доштанд.

Агар ба болоравии нархи гӯшти гов, картошка ва сабзавот истеҳсоли нокифояи ин маҳсулотҳо сабабгор шуда бошад, болоравии нархи орди навъи 1-ум аз ҳисоби таъсири болоравии нархи ҷаҳонии гандум ва қурби асъор ба вуқуъ пайвастааст.

**Нархи маводи сӯзишворӣ то 19,1% с/с поён рафт,** ки ин тағйирёбӣ аз ҳисоби нархи бензин (1,7% м/м ё 26,0% с/с) ва гази моеъ (-5,5% м/м ё 16,4% с/с), ки бо афзудани воридот ва таклифоти он алоқаманд аст ба қайд гирифта шуд.

**Дар сохтори хизматрасониҳо бошад,** нархи хизматрасонии нақлиётӣ нисбат ба моҳи қаблӣ бинобар сабаби арзоншавии чиптаҳои ҳавопаймо ба самти Москва (-1,6% м/м ё -0,3% с/с) ва хизматрасонии коммуналӣ (-1,2% м/м ё 14,0% с/с) бо нишондиҳандаи манфӣ ҷамъбаст гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии фишорҳои таваррумӣ сиёсати қатъии пулию қарзиро ҷиҳати нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат амалӣ хоҳад намуд.**




**Намояи нархҳои хӯрокворӣ, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - м/м –моҳ нисбат ба моҳ (тағйирёбии моҳона)
[2] - с/с – сол нисбат ба сол (тағйирёбии солона)

[*]- Таварруми аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд бо мақсади баҳодиҳӣ ва таҳлили ҷараёни доимии тағйирёбии сатҳи нархҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Агентии омор) аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳисоб карда мешавад. Ҳамчун яке аз қисматҳои таркибии таварруми умумӣ (намояи нархҳои истеъмолӣ) таварруми аслӣ раванди устувор ва дарозмуддати тағйирёбии нархҳоро, ки зери таъсири омилҳои талаботи дохилӣ ва монетарӣ ба вуҷуд омадааст, инъикос менамояд. Усули асосии ҳисоби таварруми аслӣ - усули истисноӣ буда, он бо роҳи хориҷ кардани номгӯи алоҳидаи маҳсулот ва хизматрасониҳои тамоюли тағйирёбии зиёд дошта, ки бо тағйирёбии аслии сатҳи нархҳо алоқаманд нест, ҳисоб карда мешавад. Аз сабади намояи нархҳои истеъмолӣ номгӯи маҳсулоти бо лаппишҳои кӯтоҳмуддат ва гузарандаи аз таъсири омилҳои ғайримонетарӣ вобастабуда, аз ҷумла омилҳои таклифот (нархҳои ҷаҳонӣ, шароити табиӣ), мавсимӣ ва маъмурӣ хориҷ карда мешаванд. Яъне, дар ҳисоби таварруми аслӣ маҳсулоти хоми хӯрокворӣ, маводи сӯзишворӣ ва хизматрасониҳои маъмуран танзимшаванда ба инобат гирифта намешаванд.

## Намояи нархҳои истеъмолӣ

| | Вазн,% | тағйирёбии солона,% | | | | | | | Май, тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2015 | 2016 | 2017 | | | | | |
| | | | | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | |
| **Таваррум** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **5,3** | **5,9** | **7,3** | **8,1** | **8,7** | **0,7** |
| **Маҳсулоти хӯроквори ва нӯшокиҳои беспирт** | **55,4** | **3,8** | **6,4** | **4,8** | **6,0** | **8,8** | **10,2** | **11,8** | **1,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 19,2 | 9,1 | -2,5 | -5,2 | -4,1 | -2,5 | -1,0 | -1,4 | 1,6 |
| Биринҷ | 3,3 | 11,6 | -9,2 | -8,6 | -9,5 | -13,3 | -13,5 | -13,7 | 0,3 |
| Орд | 11,9 | 7,8 | -3,0 | -7,2 | -5,0 | -1,0 | 1,8 | 1,3 | 2,4 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 9,0 | -10,2 | 3,7 | 3,9 | 2,4 | 1,8 | 7,2 | 11,5 | -0,2 |
| Гӯшти гов | 5,9 | -14,3 | 3,2 | 3,5 | 1,2 | 1,3 | 8,3 | 14,2 | 5,5 |
| Тухм | 1,5 | 5,5 | 12,0 | 15,4 | 16,7 | 7,8 | 12,8 | 7,4 | -2,0 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 2,8 | 3,7 | 5,1 | 3,7 | 2,8 | -1,7 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | -1,7 | 3,4 | 5,0 | 0,7 | 0,1 | -2,9 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 5,3 | 12,7 | 11,3 | 6,1 | 5,8 | 6,0 | 6,2 | 5,8 | 0,9 |
| Меваҷот | 4,4 | 12,3 | 16,7 | 16,6 | 12,2 | 4,6 | 0,2 | -1,8 | 0,1 |
| Сабзавот | 7,1 | -12,4 | 16,5 | 18,6 | 30,1 | 58,2 | 57,2 | 73,8 | 1,6 |
| Шакар | 2,1 | 19,3 | 15,0 | 1,0 | 3,4 | 5,2 | 13,6 | 7,3 | 0,8 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,1 | 13,7 | 19,9 | 14,2 | 13,8 | 10,4 | 9,5 | 5,1 | 0,1 |
| **Хӯроки умумӣ*** | **0,9** | **14,9** | **19,9** | **19,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **17,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **1,5** | **15,9** | **11,8** | **12,2** | **10,0** | **9,1** | **8,6** | **6,2** | **0,9** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯроквори** | **27,4** | **7,9** | **5,7** | **5,2** | **5,0** | **4,4** | **4,6** | **4,0** | **0,1** |
| Либос ва пойафзол | 9,3 | 9,2 | 14,5 | 14,8 | 14,0 | 12,8 | 11,8 | 9,8 | 0,1 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 3,4 | 2,2 | -0,9 | 0,0 | 0,1 | 0,0 | 0,5 | 0,3 | 0,0 |
| Маводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 1,6 | 1,6 | 1,1 | 1,1 | 2,6 | 1,7 |
| Доруворӣ | 2,7 | 24,7 | 14,1 | 12,9 | 7,4 | 3,9 | 3,8 | 4,4 | 0,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | -1,1 | 6,8 | 14,7 | 21,5 | 19,1 | -0,9 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,4 | 19,0 | 3,0 | 3,5 | 4,4 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 0,7 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,3 | 7,6 | 7,1 | 6,8 | 5,3 | 5,1 | 5,0 | 5,2 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **14,8** | **2,2** | **4,5** | **5,0** | **5,8** | **6,2** | **6,3** | **5,6** | **-0,8** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,1 | 3,2 | 9,8 | 6,7 | 9,6 | 12,4 | 13,3 | 12,3 | -1,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,1 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Обтаъминкунӣ ва партовбарорӣ | 0,6 | 20,1 | 5,1 | 6,6 | 9,8 | 7,3 | 7,3 | 7,3 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 2,8 | 0,0 | 28,6 | 16,3 | 16,3 | 16,3 | 16,5 | 16,5 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,0 | -6,3 | -6,6 | -9,4 | 0,9 | 13,5 | 17,5 | 12,3 | -4,8 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 1,7 | 1,4 | 0,2 | -0,3 | -0,5 | -1,6 |
| Алоқа | 1,8 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 1,3 | 0,0 |
| Маориф | 1,5 | 2,6 | 11,3 | 15,0 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 15,5 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,8 | 14,0 | 1,9 | 3,6 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 1,7 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,7 | 12,3 | 5,2 | 5,8 | 5,8 | 6,0 | 6,0 | 3,3 | 0,0 |

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо*